**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-026 назди**
**МДТ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**
**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ"**
**аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи**
**илмии номзади илмҳои педагогӣ**

**ПАРВАНДАИ АТТЕСТАТСИОНИИ №______________**
*Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 05.09. с.2024, № 35*

**БАРОИ САЗОВОР ДОНИСТАНИ САИДНУРИДДИНЗОДА АҲЛИДДИН САИДНУРИДДИН, ШАҲРВАНДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 13.00.01 – ПЕДАГОГИКАИ УМУМӢ, ТАЪРИХИ ПЕДАГОГИКА ВА ТАҲСИЛОТ (ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ)**

Диссертатсияи Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ", дар шакли дастнавис аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) бо қарори №32 аз 24-уми июни соли 2024 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700,ш. Хуҷанд, г. Мавлонбеков 1) ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ тоҷик, санаи 27-уми феврали соли 1986 дар ҷамоати Ҷомбахти ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон ба дунё омадааст. Ӯ Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусравро соли 2008 аз руйи ихтисоси омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ, бо дипломи аъло хатм намудааст.

Ӯ аз соли 2008 дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ҳайси ассистент фаъолияти меҳнатиро оғоз намуда, дар он ҷо дар вазифаҳои гуногуни омӯзгориву идорӣ адои вафзифа намудааст.

Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин соли 2022 тибқи фармоиши ректори Донишгоҳ (№ 204а/фа аз 24.10.2022) дар кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" ба ҳайси унвонҷӯ қабул шуда, таълифи диссертатсияро дар онҷо ба анҷом расонидааст.

**Роҳбари илмӣ – Ашурова Шаҳло Кулобиевна**, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Муқарризони расмӣ:**

**Давлатзода Ҷамила**, доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, директори Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор.

**Ахророва Гулчехра Усмоновна**, номзади илмҳои филогогӣ, дотсент, муовини директор оид ба тарбия ва рушди ҷавонони Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд мебошанд.

Муқарризони расмӣ ба диссертатсия тақризи мусбат дода, муаллифи диссертатсия Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддинро шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) донистаанд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъйин шудааст.

Муассисаи пешбар дар тақризи мусбати худ, аз 16.08.2024, суратмаҷлиси №9/3, ки он аз ҷониби эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумии

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Самиев Т.А. мураттаб шуда, бо имзои ректори ДДОТ ба номи С.Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло тасдиқ шудааст, ба диссертатсия баҳои мусбат додааст. Муассисаи тақриздиҳанда аз он ҷумла қайд кардааст, ки: "Унвонҷӯ, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати назариявӣ ва дар амалияи педагогӣ ба таври таҷрибавӣ хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоиро тавассути таъриху кишваршиносӣ асоснок намуда, фаъолияти таълимӣ ва тарбияи хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар қолаб ва қоидаву меъёрҳои кори диссертатсионӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, вазифаву мақсадҳои илмии пешгузоштааш амалӣ намудааст.

Гузашта аз ин саҳми илмии унвонҷӯ Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар он дида мешавад, ки ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқоти илмӣ бевоситаи аз ҷониби ӯ гузаронида шуда, банақшагирӣ, интихобу асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори диссертатсия, муайян кардани мақсаду вазифа, объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии хулосаву натиҷаи таҳқиқот, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ инъикоскунандаи маҳорати илмии унвонҷӯ ва дорои сифатҳои таҳқиқотчигии ӯро собит месозад.

Мавзуи илмии интихобнамудаи унвонҷӯ Саиднуриддинзода Аҳлиддин, дар ҳақиқат, дар илми педагогикаи муосири мо муҳим ва актуалӣ мебошад. Зеро тарбияи ватандӯстӣ ва хештаншиносии шахсӣ ҳамчун падидаи мусбат ба ахлоқ ва шуури инсонҳо таъсиргузор мебошад.

Актуалӣ будани мавзуи таҳқиқот инчунин аз он муайян мегардад, ки масъалаи тарбияи ватандӯстии ҷавонон, дарвоқеъ, масъалаи мураккаб буда, паҳлуҳои гуногуни марбут ба он дар чорроҳаи як қатор илмҳои ҷамъиятиву гуманитарӣ, дар ин замина аз ҷониби олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мураттаб шудааст ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълиму хонандагон бешубҳа мусоидат хоҳад кард.

Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки мукаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ марбут ба мавзуи таҳқиқот ва кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтаанд". Инчунин "асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин ягон шубҳаангез набуда, боэътимод ва боварибахшанд. Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нукоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикрронӣ ба талабот ҷавобгӯ мебошанд".

Ҳамчунин ташхисгар автореферати диссертатсияро мусбат арзёбӣ намуда, онро ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро мувофиқи қоида ва талаботу меъёрҳои Низомнома медонад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯй низ муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос кардаанд.

Эксперти диссертатсия дар баробари муваффақиятҳои таҳқиқот инчунин 3 нуқси корро ҳамчун эрод баён дошта, дар оянда ислоҳи онро мувофиқи матлаб медонад. Бо вуҷуди ин эксперт таъкид кардааст, ки "камбудӣ ва норасоиҳои мавҷудбуда арзиши илмии диссертатсияи тақризшавандаро коҳиш намедиҳанд".

Дар маҷмӯъ, омӯзиш ва таҳлили диссертатсия гувоҳӣ медиҳад, ки таҳлили ба иҷро расонидаи диссертант дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо эътимоднокии сифатӣ ва миқдорӣ, тафсири маълумоти таҷрибавӣ тасдиқ карда шудаанд. Ҷанбаи илмии рисола устувор, муҳаққиқ бо мақсади эътимоднокӣ ба андешаҳои худ ба осори таҳқиқии олимони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ такя намуда, бамаврид аз сарчашмаҳои зарурӣ иқтибос овардааст. Ҳамзамон автореферати диссертатсия ба мундариҷаи диссертатсия мувофиқат намуда, асоснок намудани мубраммияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсади таҳқиқ, объекти таҳқиқ, мавзуи таҳқиқ, усулҳои таҳқиқ, соҳаи таҳқиқ, марҳилаҳои

таҳқиқ, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқ, муътамадии натиҷаҳои диссертатсия, навгониҳои илмии таҳқиқ, аҳаммияти назарии таҳқиқот, аҳаммияти амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқотро фарогир буда, бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф шудаанд бо мазмун ва муҳтавои диссертатсия мутобиқат дошта, ба пуррагӣ инъикос менамояд.

Мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсия дар 14 интишороти илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи ФР ба қайд гирифта шудааст, инъикос ёфтаанд.

Дар хулосаи тақризи муассисаи пешбар қайд шудааст, ки диссертатсияи Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ" ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқ буда, инчунин ба талаботи бандҳои 32-35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 — Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

***Мақолоти илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмӣ чоп шуда, дар худ мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос кардаанд:***

**I. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. **Саиднуриддинзода, А.С.** Масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ дар таърихи педагогика [Матн] / бо ҳаммуаллифии Ш.К. Ашурова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2024. – №1-2 (122). – С. 40-56. ISSN-2663-5534.

[2-М]. **Саиднуриддинзода, А.С.** Таҳлили таҳқиқоти муосир ба масъалаи ватандӯстӣ [Матн] / бо ҳаммуаллифии Ш.К. Ашурова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2023. – №1-4 (116). – С. 17-26. ISSN-2663-5534.

[3-М]. **Саиднуриддинзода, А. С.** Мазмун ва хусусиятҳои тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути фанҳои таъриху кишваршиносӣ [Матн] / А.С. Саиднуриддинзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2024. – №1-3 (125). – С. 26-31. ISSN-2663-5534.

[4-М]. **Саидмуминов, А. С.** Краеведческий подход в воспитании патриотизма у учащихся [Текст] / А.С. Саидмуминов // Вестник Таджикский национальный университет. – 2011. – №2 (66). – С. 283-286. ISSN-2074-1847.

[5-М]. **Саидмуминов, А. С.** Проблема патриотического воспитания в теории и истории педагогики [Текст] / А.С. Саидмуминов // Вопросы Педагогики и психологии. – 2011. – №4. – С. 58-61.

[6-М]. **Саидмуминов, А. С.** Патриотическое воспитание учащихся в процессе изучения истории края (по материалам Хатлонской области Республики Таджикистан: теория и практика) [Текст] / А.С. Саидмуминов // Вопросы Педагогики и психологии. – 2011. –№3. – С. 67-71.

**б) Мақолаҳо ва маводҳое, ки дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд:**

[7-М]. **Саиднуриддинзода, А. С.** Тарбияи ватандӯстии ҷавонон аз нигоҳи Пешвои миллат-Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / А.С. Саиднуриддинзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иҷлосияи XVI Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Мактаби сарварии Пешвои миллат». – Курган-Тюбе 2023. – С. 231-234.

[8-М]. **Саиднуриддинзода, А. С.** Масъалаи тарбияи ватандӯстӣ ва баланд бардоштани ҳисси ифтихори миллии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути сайри осорхонаҳои мактабӣ [Матн] / А.С. Саиднуриддинзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии устодону донишҷӯён бахшида ба рӯзи «Илми тоҷик». –Курган-Тюбе, 2024. – С. 26-30.

[9-М]. **Саидмуминов, А.С.** Особенности воспитания патриотизма у учащихся старших классов в процессе историко-краеведческой деятельности [Текст] / А.С. Саидмуминов // Материалы республиканской конференции, посвященной 20-летию независимости Республики Таджикистан. - Курган-Тюбе, 2010. – С. 133-137.

[10-М]. **Саидмуминов, А. С.** Патриотизм как социально-педагогическое явление [Текст] / А.С. Саидмуминов // Материалы республиканской конференции, посвященной 20-летию независимости Республики Таджикистан. – Душанбе, 2010. – С. 123-125.

[11-М]. **Саидмуминов, А.С.** Шуҷоати иштирокчиёни ҶБВ ҳамчун намунаи дарси ватандӯстӣ [Матн] / А.С. Саидмуминов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ, байнал-милалӣ таҳти унвони «Рушди илмҳои таърих ва ҷомеашиносӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон». – Курган-Тюбе, 2015. – С. 13-15.

[12-М]. **Саидмуминов, А.С.** Содержание и методы работы школы по воспитанию патриотизма у старшеклассников средствами краеведения: Методическое пособие [Текст] / А.С. Саидмуминов. - Курган-Тюбе, 2011. -42 с.

[13-М]. **Саидмуминов, А.С.** Краевед-Патриот: Монография [Текст] / А.С. Саидму-минов. Курган-Тюбе, 2020. – 220 с.

[14-М]. **Саидмуминов, А.С.** Теоретико-методологические основы процесса воспитания патриотизма у учащихся средствами краеведения: Методическое пособие [Текст]/ бо ҳаммуаллифии А.Т. Шукуров. -Курган-Тюбе, 2011. - 42 с.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:**

**Тақризи** 1. **Иматзода Лутфия Маҳмадулло** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Хулосаи тақриз мусбат аст, муқарриз 2 эроди зеринро низ ҳамчун пешниҳод баён доштааст.

1.Дар фишурдаи кор диққати асосӣ ба таҳлили тарбияи ватандӯстӣ, муҳаббат ба кишвари хеш, принсипу вазифа ва шаклҳо дода шуда, ба ҷанбаи таҳлили педагогии масъала аз нигоҳи олимону муҳаққиқон камтар диққат дода шудааст.

2. Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани муқаррароти “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ” ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат ҳоҳад кард.

**Тақризи** 2. **Рузиева Лола Толибовна** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат мебошад, эрод надорад.

**Тақризи 3. Сафаров Шодӣ Асомуродович** - Президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор. Дар маҷмӯъ тақриз мусбат аст, вале муқарриз 2 норасоиро дар кор ба шакли тавсия чунин баён доштааст.

1. Хуб мебуд, агар унвонҷӯ дар фишурдаи кор санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва консепсияву барномаҳои давлатӣ, бахусус, қабул ва амалигардии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медод. Ин арзиши амалии таҳқиқотро боз ҳам афзунтар мегардонд.

2. Сарфи назар аз мутобиқати умумии возеҳии забони рисола, бархе аз ақидаҳои муаллиф норавшананд ва дақиқияти мантиқӣ ва услубиро талаб менамоянд.

**Тақризи 4. Шарифзода Одинамо Пирназар** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, декани факултети филологияи руси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тақриз мусбат мебошад ва муқарриз эрод надорад.

Муқарризони беруна масъалаи таҳқиқшавандаро муҳим ва арзишманд ҳисобида, муалли-фи диссертатсия Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддинро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда донистаанд.

***Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар*** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D. КОА-026 аз 24-уми июни соли 2024, №32, тибқи талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, асоснок шудааст.

***Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ корҳои зерин анҷом дода шудаанд:***

- пайдоиши тарбияи ватандӯстии донишомӯзони синфҳои болоӣ бо такя ба фанни таърихи диёр ва муайян намудани самтҳои рушди тараққии он дар замони муосир ҳамаҷониба баррасӣ шудааст;
- муҳтаво ва мундариҷаи вижагиҳои тарбияи меҳандӯстии донишомӯзони синфҳои болоӣ бо такя ба таърихи меҳани аҷдодӣ муайян гардидааст;
- равишҳои тарбияи меҳанпарастӣ дар фаъолиятҳои фориғаздарсӣ ва омӯзиши маконҳои таърихии маҳалли зисти донишомӯзону хонандагон ҷиҳати боло бурдани худшиносӣ ва эҳсоси ватандустӣ ва меҳанпарастии онҳо бо далелҳо ва натиҷаҳои собитшуда, тақвияту таҳким дода шудаанд.
- Дар натиҷа муайян намудани фарзияҳои таҳқиқот, унвонҷӯ собит намудааст, ки тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ ба ташаккули шахсияти рушдёфта мусоидат мекунад, агар муносибати нав ба тарбияи маънавии хонандагони синфҳои болоӣ тахия ва татбиқ карда шавад; ҳадафу муҳтавои тарбия ба ташаккули шаҳрванди ватандӯст тавассути таъриху кишваршиносӣ мутобиқ гардонида шавад ва аз омӯзгорон донистани ҷузъҳои таркибии ватандӯстӣ ва таъриху кишваршиносӣ талаб карда шавад.

***Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот*** аз он иборат аст, ки хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшудаи он имкон медиҳанд имкониятҳои тарбиявии фаъолияти таърихию кишваршиносӣ баланд бардошта шуда, самтҳои минбаъдаи ҷустуҷӯйи воситаҳои муассири кори кишваршиносӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ ҳамчун сифатҳои шахсӣ дар ҷомеа пешниҳод карда шаванд. Инчунин дар мундариҷаи диссертатсия усулҳои барои корҳои дастаҷамъона  ва мустақилонаи хонандагони синфҳои болоӣ (дар лоиҳа, ҷустуҷӯ, фаъолияти илмӣ ва ғ.), дар синфҳои ҳамгирошудаи таърих, осорхона, таърихи кишваршиносӣ пешниҳодшудаи кори таҳқиқотӣ инъикос ёфтаанд.  Ҳамзамон назария ва амалияи таҳсилот бо дониши муосири илмӣ оид ба асоси назариявӣ-методологии такмили имкониятҳои тарбиявии фаъолияти таърихию кишваршиносии хонандагони таҳсилоти миёнаи умумӣ ғанӣ гардид;  Илова бар ин маълумоти дар рафти таҳқиқот ба даст омадаро дар амалияи фаъолияти таълимӣ-маърифатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар раванди омодагии омӯзгорони оянда дар донишгоҳу донишкадаҳо, донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф барои фаъолияти самаранок оид ба афзудани сатҳи маҳорати методии омӯзгорон метавонанд истифода шаванд.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот бо нуктаҳои зайл муайян карда шудаанд***:

- омӯзишу таҳлили ташаккули эҳсоси ватандӯстиву худогоҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар заминаи осору таҷрибаи амиқи ниёгон ва бо дарназардошти падидаҳои замони муосир мушаххас гардида, самтҳои афзалиятнок дар ин ҷода муайян шуданд;
- моҳият, мазмун ва хусусиятҳои тарбияи меҳанпарастии донишомӯзони синфҳои болоӣ бо такя ба осори таърихӣ ва маҳалли зисти хонандагон дар машғулиятҳои синфӣ ва фориғаздарсӣ ва умури эҷодии онҳо тасбит намуд, ки ин қабил фаъолиятҳо мунҷар ба боло рафтани худшиносии донишомӯзон ва меҳанпарастии онҳо хоҳад шуд;
- муҳтаво ва мундариҷаи возеҳу равшан, шаклу равишҳои тадрис, ки боровариии  раванди тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути фанни кишваршиносӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлолро таъмин мекунанд, дар амалияи корҳои тарбиявӣ ва корҳои фориғаздарсӣ асоснок ва ба таври таҷрибавӣ санҷида ва пешниҳод шудаанд;

***Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот*** ба он асос меёбад, ки истифодаи дурусти маводи таърих кишваршиносӣ дар ҷараёни кори тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ бо роҳу усулҳои санҷидашуда баррасӣ гардида, натиҷаҳои назаррас низ ба даст

омадааст. Инчунин муҳаққиқ дар натиҷаи арзёбии масъалаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ дар такя бо осори таъриху кишваршиносӣ ба натиҷае расидааст, ки дар ин самт осори арзишманди ниёгон, анъанаву суннатҳои миллӣ, шарҳу тавзеҳи корнамоиҳои шахсони ватандӯст ва маърифати он ба шаклгирии шахсияти ҳамаҷонибаи замон мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, унвонҷӯ зарур мешуморад, ки дар марҳилаи аввали раванди кори таълиму тарбияи хонандагон, пеш аз ҳама, ба унсурҳои таъсиргузори тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таълимӣ таваҷҷуҳ ва мусоидат карда шавад. Зеро замони муосир тақозо мекунад, ки омезишу шаклдиҳии амиқи зуҳуроти таъсиргузор дар кори тарбияи ватандӯстии хонандагон бо дарназардошти фарҳанги оламгир вусъат дода шавад.

Ҳамзамон асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот ба воситаи назария ва амалияи кор тавассути омӯзиш ва таҳлили осори фалсафию ҳуқуқӣ, психологӣ, педагогӣ, тавассути истифодаи усули муқоисавӣ, асоснок кардани нуктаҳое, ки дар фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод карда шудаанд, **таъмин карда шудаанд;**

- натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ ва озмоишӣ аз тариқи аниқсозӣ, таҳлил ва ҷамъбасти маҷмуи методҳо, ки аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо пурра кардани методикаҳои гуногун дар такя бо таҷрибаи ҳосилшуда дар фаъолияти таълимии омӯзгорон ва хонандагон ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти озмоишӣ бар меоянд, ба даст омадаанд;

***Саҳми шахсии муаллиф*,** пеш аз ҳама, дар иштироки бевосита дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзуъ, тартиб додани сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ, таҳлил ва муназзам гардонидан ва коркарди маълумоти озмоиш, омода ва интишор намудани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои ба дастомада ва таҳияи диссертатсия ифода меёбад. Инчунин омӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳҳои истифодаи восита ва шаклҳои мухталифи хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ ҳамчун масоили мубрами педагогӣ дар адабиёти илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ мебошад.

***Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошад. Аз ҷумла ба бандҳои 3.2, 3.3 ва 3.5, инчунин ба бандҳои 4.1., 4.1.1., 4.1.2. ва банди 5.1. 5.1.1 ва бандҳои 7.1., 7.1.1. ва 7.1.5. мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати **10** нафар, аз он **5** нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ **10 нафар,**
муқобили додани дараҷаи илмӣ **нест,**
бюллетенҳои беэътибор **нест,**

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ аз 5-уми сентябри соли 2024 ба чунин қарор омад, ки диссертатсияи Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзуи **«Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таърихи кишваршиносӣ”** кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295), комилан ҷавобгӯй мебошад ва ба довталаб Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.п., профессор** **Сабурӣ Х.М.**

**Котиби илмии Шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.ф., дотсент** **Ҳамробоев Н.А.**

**05.09.2024с.**